**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Сафаров Абдумалик Абдусатторович дар мавзуи «Нақши сармоягузории мустақими хориҷӣ дар инкишофи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки аз рӯйи ихтисоси: 08.00.13 – Иқтисодиёти ҷаҳон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ пешниҳод шудааст.**

Дар адабиёти хориҷӣ ва ватанӣ оиди моҳияти сармоягузорӣ, аз ҷумла сармоягузории хориҷӣ, фикру ақидаҳои мухталифу басе ихтилофнок пешниҳод мешаванд, ки ҳалли масъалаҳои илмию амалии идораи фаъолияти сармоягузориро то андозаи муайян душвор мегардонанд.

Ба андешаи диссертант, таҳқиқи сарчашмаҳои ташаккули сармоягузорӣ, таснифоти маҷмӯи онҳо бо мақсади аниқ кардани мазмуни иқтисодӣ ва муайян намудани самтҳои рушд ва такмили он аҳамияти баланд дорад.

Инчунин, диссертант қайд менамояд, ки дар раванди ҳалии илмии масъалаҳои гузошташуда равишҳои методологӣ ва методии пажуҳиш, ки интихобу истифода намудааст, имконият додааст, ки натиҷаҳои судманди илмӣ дар самти назария ва амалияи сармоягузории мустақими хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, коркарди пешниҳодҳои илмиву амалӣ дар ҷодаи такмили роҳҳо ва методҳои баланд бардоштани самаранокии самрмоягузории мустақими хориҷӣ рӯи кор омадааст. (с. 17)

Вобаста ба мавзӯи таткиқот диссертант назарияҳои муосири сармоягузории мутсакими хориҷиро зери таҳлили назариявӣ ва амалӣ карордода, хусусиятҳои сармоягузории мустақими хориҷиро дар соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии мамлакат муайян намудааст.

Дар ин ҷода муаллиф қайд намудааст, ки «таҳқиқоти сармоягузорӣ талаб менамояд, ки таҳлили асосҳои назариявӣ ва механизми татбиқи фаъолияти он ҳамчун ҷузъи муҳими иқтисоди бозорӣ, муайян намудани хусусияту равандҳои он дар шароити муосир ба эътибор гирифта шавад, зеро сармоягузории мустақими хориҷӣ дар рушди иқтисодиёт нақши басо муҳимро мебозад» (с. 19)

Ҷиҳатҳои мусбати зикршудаи автореферат ба мо имкон медиҳад то чунин хулоса барорем, ки таҳқиқоти диссертатсионии Сафаров Абдумалик

Абдусатторович таҳқиқоти мустақили дар сатҳи баланд таълифгардида мебошад.

Дар айни ҳол мо оид ба автореферат баъзе эродҳо ҳам дорем:

1. Хуб мешуд, ки таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ дар мисоли ягон давлати алоҳида нишон дода мешуд.

Эроди мазкур баҳои мусбати кори иҷрошударо қадре ҳам паст намекунад, зеро натиҷаҳои илмии ба дастомада аз сатҳи баланди илмию назариявии таҳқиқот, навгонӣ ва аҳамияти амалии мундариҷаи рисоларо дарак медиҳад.

Мазмуни автореферат имкон медиҳад то чунин хулоса барорем, ки кори пешкашгардида ба тамоми талаботи нисбати таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳодаванда баҳри дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Сафаров Абдумалик Абдусатторович шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ бо ихтисоси 08.00.13 – Иқтисодиёти ҷаҳон мебошад.

**Тақриздиҳанда,**
**мудири кафедраи Молия ва технологияҳои молиявии донишгоҳи давлатии Тирмиз, DSc, дотсент** **Гадоев Сӯҳроб Ҷумакулович**

3.09.2024 с

TERMIZ DAVLAT UNIVERSITETI KADRLAR BO'LIMI BOSHLIG'I IMZONI TASDIQLAYMAN